ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Мавзуе, ки аз ҷониби диссертант Бобошоҳзода М.С. мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, яке аз мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи муосири башарӣ мебошад, зеро ба ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо алоқаманд аст.

Тавре маълум аст, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои муаззами миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳлилу баррасӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим бахшида шуда, дар давоми солҳои амал ба чандин натиҷаҳои назаррас даст ёфтанд, ки ин ҳама ба боз ҳам бештар гардидани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат намуд.

Дар ин росто, мубрамии мавзуи мазкур ҳам дар он ифода меёбад, ки нақши расонаҳоро дар инъикосу тарғиб ва таҳлилу баррасии амиқи чунин масоил мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Диссертант дуруст мегӯяд, ки матбуот дар самти маърифатсозии экологӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи байналмилалии мамлакат яке аз воситаҳои асосӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ, ба таҳқиқи раванди фаъолияти он зарурат ҳаст.

Ба назари мо, таваҷҷуҳ ба мафҳуми гуфтумон ё худ дискурс ва шарҳу тавзеҳи пурраи он ҳам навгонии мавзуи мавриди назар ва ҳам аҳаммияти назариявию амалии онро таъмин намудааст, зеро тавре аз мундариҷаи автореферат бармеояд, маводе, ки аз ин нигоҳ мавриди таҳқиқ қарор

гирифтааст, муҳтавои умумии корро ҷолибу аҳаммиятнок гардонидааст. Дар ҳақиқат ҳам, дискурс дар фаъолияти журналистӣ, махсусан ҳангоми инъикосу баррасии масъалаҳои муҳимме чун дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳо хеле аҳаммиятнок аст, чунки таҳлили роҳҳои муассиртар пешниҳод намудани паёмҳо, самаровартар будани қолабҳо ва дигар ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти амалӣ ба воситаи он имконпазир мебошад.

Дар се боби диссертатсия, ки фарогири нӯҳ фасл аст, мавзуъ ба таври хеле вусъатнок мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳтавои бобу фаслҳо баёнгари он аст, ки мавзуъ пурра баррасӣ гардидааст. Масалан, дар боби якум назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об, дар боби дуюм махсусиятҳои жанрӣ ва мазмунии инъикоси ташаббуси глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуот, дар боби сеюм мушкилот ва дурнамои тақвияти дискурси расонаии ҳифзи пиряхҳо таҳлилу таҳқиқ шудааст, ки ин ҳама нишони фарогирии комплексии мавзуъ мебошад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ мушоҳида шуданд:

1. Дар банди “вазифаҳои таҳқиқ”-и муқаддима инъикоси масъалаи обшавии пиряхҳо дар рӯзнома, ҳафтанома ва оҷонсии иттилоотии мушаххас аз вазифаҳои диссертант дониста шудаанд, вале дар автореферат намунае аз маводди баъзе ин нашрияҳо ба назар нарасид.

2. Бисёр хуб аст, ки диссертант дар фасли якуми боби сеюм камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигоронро дар инъикоси масъалаҳои мавриди назар муайян карда, паёмадҳои онҳоро низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулосаи ӯ ҳам хеле ҷолиб аст, ки мегӯяд, камбудиҳои касбӣ на танҳо мушкилоти дохилии соҳа, балки омиле ҳастанд, ки ба сифати дарки ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Аз нигоҳи мо, агар дар ин маврид ба мисолҳо низ тавоҷҷуҳ мешуд, боз беҳтар буд.

Эродҳое, ки зикрашон рафт, ҷузъӣ буда, ба мазмуни умумии кор таъсири ҷиддӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
Сармуҳаррири Муассисаи
давлатии маҷаллаи «Истиқбол» Раҳимҷон Х.
«11» ноябри соли 2026

Суроға: ш. Душанбе, к. Ҳосилот, х.150
Телефон: +992 93-489-26-56
E-mail: khushdil_09@list.ru

«Имзои Раҳимҷон Хушдилро тасдиқ мекунам»

Масъули бахши кадрҳои
Муассисаи давлатии
маҷаллаи «Истиқбол» Мирзобедилова Н.

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ 16
Тамос: +992 (37) 238-53-01